## Шарҳи моҳонаи таваррум • Декабри 2022

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи декабри соли 2022 ба 0,2 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯроквории 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯроквории 0,7 фоиз (0,2 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,5 фоиз (-0,1 б.ф.) раванди пастравӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории асосан болоравии нархи биринҷ 1,4 фоиз, гӯшти гов 0,8 фоиз, шир 5,7 фоиз, себ 2,5 фоиз, ангур 14,0 фоиз, картошка 6,5 фоиз, пиёз 10,5 фоиз, бодиринг 18,5 фоиз, помидор 38,0 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд, ки бештари онҳо бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ арзёбӣ мегардад.

Дар баробари ин, арзоншавии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквории, аз ҷумла нархи нархи орди навъи якум 5,4 фоиз, равғани пахта 3,2 фоиз, равғани офтобпараст 3,7 фоиз, шакар 0,1 фоиз, сабзӣ 10,5 фоиз, лиму 24,1 фоиз ва ғайра назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯроквории бошад, бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ва ба ин васила зиёд шудани талабот афзоишёбии нархи ангишт 2,4 фоиз, маводи шустушӯй 2,0 фоиз, доруворӣ 1,1 фоиз, либос ва пойафзол 1,9 фоиз мушоҳида гардид.

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи декабри соли 2022 тамоюли коҳишёбӣ дошта, асосан аз ҳисоби арзоншавии нархи хизматрасонии нақлиётӣ 0,1 фоиз ва сузишвории газ 13,2 ба вуқӯъ пайваст.

**Сатҳи таваррум дар соли ҳисоботӣ дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6%±2 банди фоизӣ) ҷамъбаст гардида, 4,2 фоизро ташкил**

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 3,8 банди фоизӣ кам мебошад. Таварруми бавуқуъомада асосан дар натиҷаи болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 5,2 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 4,0 фоиз ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,9 фоиз ба амал омад.**

Сатҳи таваррум дар соли ҳисоботӣ дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 64,3 фоиз, Қазоқистон 20,3 фоиз, Қирғизистон 14,7 фоиз, Ӯзбекистон 12,3 фоиз, Россия 11,9 фоиз, Гурҷистон 9,8 фоиз ва Арманистон 8,3 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи декабр 0,5 фоиз ва дар соли 2022 бошад, ба 2,8 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Ҳадаф дар с.2022 | Таваррум дар с.2022 | Фарқият, банди фоизӣ |
|---|---|---|---|
| Туркия | 5 | 64,3 | -59,3 |
| Қазоқистон | 4,0-6,0 | 20,3 | -15,3 |
| Қирғизистон | 5,0-7,0 | 14,7 | -8,7 |
| Белорус | 5 | 12,8 | -7,8 |
| Ӯзбекистон | 5 | 12,3 | -7,3 |
| Россия | 4 | 11,9 | -7,9 |
| Гурҷистон | 3 | 9,8 | -6,8 |
| Арманистон | 4 | 8,3 | -4,3 |
| **Тоҷикистон** | **6%±2б.ф.** | **4,2** | **1,8** |

**Таварруми аслии солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | | | | | Декабр тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июнь | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,0** | **9,6** | **8,0** | **7,3** | **8,3** | **8,3** | **6,5** | **5,7** | **5,2** | **4,5** | **4,2** | **0,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **7,2** | **9,6** | **9,7** | **8,0** | **7,9** | **6,1** | **5,7** | **5,2** | **0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 11,0 | 24,6 | 24,6 | 17,6 | 13,0 | 7,8 | 7,3 | 4,7 | -2,4 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | -1,9 | -2,3 | 1,7 | 3,3 | 7,4 | 9,1 | 1,4 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 18,0 | 38,3 | 38,6 | 27,3 | 18,3 | 10,5 | 8,3 | 2,8 | -5,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 9,8 | 0,3 | -1,5 | -2,0 | -2,4 | -3,3 | -3,1 | -0,8 | 1,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 7,7 | -4,9 | -7,8 | -7,8 | -8,5 | -9,6 | -8,4 | -4,8 | 0,8 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -21,2 | -12,1 | 2,8 | 7,9 | 17,4 | 25,1 | 41,0 | 43,1 | -1,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 23,6 | 23,9 | 24,1 | 22,8 | 25,4 | 25,1 | 26,1 | 25,4 | 1,7 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 15,4 | 21,3 | 16,3 | 10,9 | 11,6 | 14,5 | 16,1 | 20,4 | 5,7 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 12,4 | 4,3 | 2,3 | -1,3 | -2,7 | -6,5 | -8,6 | -10,6 | -2,6 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -8,3 | -6,1 | -10,5 | -11,2 | -8,8 | -5,5 | -6,7 | -6,9 | 2,4 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 6,3 | 1,8 | 3,9 | 8,1 | 14,9 | 14,4 | 10,6 | 12,1 | 5,2 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 6,9 | 22,0 | 18,6 | 14,4 | 12,0 | 10,0 | 5,8 | 6,2 | -0,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 2,6 | 5,5 | 16,5 | 16,5 | 14,6 | 14,5 | 14,5 | 14,0 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,4** | **6,4** | **6,7** | **4,9** | **4,9** | **5,5** | **0,5** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **6,2** | **6,0** | **6,5** | **6,0** | **5,9** | **5,5** | **5,5** | **2,9** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **6,3** | **6,6** | **6,5** | **5,1** | **4,7** | **3,8** | **3,8** | **3,9** | **0,7** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 2,4 | 3,4 | 3,4 | 2,9 | 2,5 | 2,0 | 3,0 | 4,0 | 1,9 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 7,8 | 8,3 | 8,4 | 7,6 | 7,9 | 7,5 | 7,2 | 3,8 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,1 | 13,6 | 13,8 | 16,3 | 17,9 | 17,2 | 22,1 | 22,6 | 2,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 7,4 | 8,7 | 9,8 | 9,5 | 10,3 | 10,1 | 10,0 | 11,2 | 1,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 33,2 | 18,1 | 15,4 | -0,7 | -3,8 | -8,2 | -15,0 | -21,2 | -10,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 3,1 | 3,1 | 1,5 | -5,2 | -5,4 | -1,7 | 2,2 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 3,2 | 3,1 | 3,3 | 5,1 | 4,9 | 5,3 | 5,7 | 5,4 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **9,9** | **8,4** | **7,8** | **4,6** | **1,3** | **5,0** | **2,4** | **2,0** | **-0,5** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 10,1 | 5,2 | 3,3 | -5,0 | -5,3 | 5,4 | 5,8 | 4,4 | -1,9 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 5,9 | 5,9 | 5,4 | 7,0 | 7,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 44,4 | 13,1 | 5,1 | -22,7 | -23,7 | -21,0 | -20,8 | -29,6 | -13,0 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 19,5 | 19,7 | 9,3 | 8,9 | -1,1 | -1,2 | -0,1 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,6 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 2,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 3,2 | 4,1 | 5,0 | 5,0 | 4,5 | 3,8 | 3,8 | 5,0 | 1,6 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо